# ТАҚРИЗИ

## муқарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Саидзода Баҳрулло Хол дар мавзӯи «Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта (дар мисоли Ҷумхурии Тоҷикистон)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300–Психология

**Мубрамияти мавзӯи тадқиқот.**

Амали худкушӣ мушкилоти муҳимест, ки дар ҳама давру замон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-психологӣ вуҷуд дошт. Дар самти амали худкушии инсонҳо як қатор илмҳо - фалсафа, сотсиология, генетика, педагогика омӯзишҳои илмӣ намуда, ҳар яке аз рӯйи мавқеъи илмӣ баҳо ба рафтору шахсияти онҳо додаанд.

Психология аз ҷумлаи он илмҳое мебошад, ки ба ин масъала эътибори махсус дода, кӯшиш менамояд, ки сабабу омилҳои психологӣ ва майли худкушии инсонҳоро муайян намуда, роҳҳои психологии пешгирии онро равшан месозад.

Мубрамияти мавзӯи диссертатсионии Саидзода Баҳрулло Хол аз он иборат аст, ки тадқиқоти илмӣ-амалӣ ба «Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта (дар мисоли Ҷумхурии Тоҷикистон)» бахшида шудааст. Бояд қайд кард, ки тадқиқоти мазкур дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва илми психологияи ватанӣ аввалин тадқиқоти психологӣ ба ҳисоб меравад.

Тавре муҳаққиқ қайд менамояд, масъалаи худкушӣ яке аз масъалаи ҳалталаби ҷомеаи муосир ба шумор меравад. Зеро аз ҳисоби зиёд шудани мушкилотҳои психологӣ худкушиҳо рӯ ба афзоиш аст. Тахминан дар ҷаҳон контингенти худкушӣ байни наврасону навҷавонон ба ҳар 100 ҳазор нафар 12-18 кас рост меояд. Ин ба тарзи ҳаёти зист ва хусусиятҳои психологии наврасону навҷавонон вобастагӣ дошта, ҳангоми ба вазъиятҳои душвори зиндагӣ рӯ ба рӯ шудан, роҳи халосиро дар худкушӣ мебинанд. Ин падида бо сабабҳои гуногун рӯй медиҳад ва он дар ҳама давру замон маҳкум

карда мешавад. Дар мавзӯи мазкур, назарияҳои таърихию динӣ ва сабабу омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва психологӣ низ арзи ҳастӣ доранд.

Дар рисола муҳаққиқ муайян намудааст, ки дар ҳақиқат зиёд шудани худкушӣ ва майли бештари наврасону ҷавонон ба ин амали ғайри қобили қабул солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мешавад. Баҳодиҳӣ ба амали худкушии инсонҳо дар асоси натиҷаи тадқиқотҳо сурат мегирад. Аз ин рӯ, барои ошкор намудани сабабу омил ва хусусиятҳои хоси шахсони худкуш озмоишро ба роҳ монда, дар ин замина вобаста ба натиҷаҳои ба дастоварда назарияи худро ба илм ворид менамояд.

Инчунин, Саидзода Б.Х. дар тадқиқоти худ мақсад гузоштааст, ки маҳз хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидоштаро дар шароити Ҷумҳурииии Тоҷикистон муайян намояд. Зеро ба ақидаи мавсуф яке аз роҳҳои коҳиш додани худкушӣ миёни инсонҳо, махсусан наврасону навҷавонон ба инобат гирифтани хусусиятҳои фардӣ-психологии онҳо мебошад. Барои тасдиқи ақидаи худ муаллиф як қатор тестҳои психологиро ба шароит ва маданияти мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ намудааст, ки ин таҷрибаи аввалин дар илми психологияи ватанӣ мебошад.

Мавриди баргузории таҳдиқот мавсуф кӯшиш намудааст, ки аз ҷиҳати илмӣ сабабу омилҳои асосии нафарони ба худкушӣ даст зanандаро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта, дар заминаи ин, хусусият ва ҳолатҳои психологии ба вуҷуд омадани майли ин амалро дар инсонҳо муайян намояд. Дар ҳақиқат ҳам худкушӣ дар байни наврасону навҷавонон сабабу омилҳои мухталифи иҷтимоӣ, психологӣ ва фарҳангиро доро мебошад. Ба монанди гирифтор шудан ба мушкилотҳои психологӣ, зуроварии ҷисмонӣ, иқтисодӣ, психологӣ, мунокишаҳои доимӣ дар оила ва амсоли ингуна омилҳои номбурда, ҳолати равонии шахсро бад намуда, ӯро ба худкушӣ бурда мерасонад.

Тадқиқотчӣ баъд аз омӯзишҳои назариявию амалии шахсиятҳои майли худкушидошта ва қасдихудкушикарда, марҳилаҳоро ҷудо

намудааст, ки аксарияти шахсони худкушикунанда ин марҳилаҳоро аз сар мегузаронад:

а) марҳилаи пеш аз худкушӣ. Инсон дар ин марҳила ҳаёти худро бе арзиш ҳисобида, зиндагиро нодаркор ва дилгиркунанда мешуморад, андешаҳои «зиндагӣ даркор нест, аз ин гуна зиндагӣ хаста шудам» қасди амиқи худкушӣ намекунад.

б) марҳилаи миёна. Дар ин марҳила фикрҳои худкуширо дар рафтору гуфтори шахси қасди худкушикунанда мушоҳида кардан мумкин аст. Мисол: «мурдан хуб аст, хоб равию дигар бедор нашавӣ, маюсӣ, танҳоӣ ва ғ.»- ин андешаҳо инъикосгари ба амали худкушӣ омода будани шахс аст.

в) марҳилаи ниҳоӣ. Дар ин марҳила тасмими худкушӣ кардани шахси худкушикунанда қатъӣ мешавад, ки то ин давра ба атрофиён ишора буд, ки дар мушкилоти ман шарик шавед.

Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки шахс баъди ҳамаи ин амалҳо қасди ҷони худ мекунад. Фикри худкушӣ яку якбора, ногаҳонӣ ва ногузир пайдо намешавад, балки ин қатраи охирини сабру тоқати шахси худкуш мебошад. Бештари шахсони мақсади худкушидошта мақсаду мароми худро ин ё он хел ошкор менамоянд. Баъзан ин ишораҳои онҳо қариб, ки аён нестанд, вале дар бисёр ҳолатҳо ба таври равшан ифода меёбанд.

Дар сохтори диссертатсия, яъне, муқаддимаи вазифа, объект, предмети тадқиқот вобаста ба мақсад дуруст муайян шудааст, инчунин фарзияи умумӣ бо фарзияҳои ҷузъӣ асоснок шуда, шаҳодат аз мукаммал будани сохтори рисола дарак медиҳад.

**Боби аввали диссертатсия** «Тавсифи назариявии хусусиятҳои психологии наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта»-ро дар бар мегирад. Моҳияти ин боб ба таъриху таҳаввул, омӯзиши назариявии сабабу омил ва хусусиятҳои психологии давраҳои синнусолии шахсони худкушикарда ва майли худкушидошта бахшида шудааст. Унвонҷӯ кӯшиш намудаст, ки моҳияту мазмун ва муҳтавои даст ба ин амали худкушӣ задани инсонҳоро таърихан ва дар замони муосир омӯхта, ба таври илмӣ хулосагири намояд.

**Боби дуюми диссертатсия** «Тадқиқи амалии хусусиятҳои психологии наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта» мебошад, ки дар ин боб муаллиф якчанд методикаро ба забон ва фарҳанги тоҷикӣ мутобиқ (адаптатсия) намуда, сипас, барои фарзияҳои гузошташудаи тадқиқоти худ, гурӯҳи озмудашавандаҳоро аз методикаҳои мазкур гузаронида, хулосагирӣ намудааст, ки моҳияти асосии тадқиқотро ташкил медиҳад.

**Навгониҳои илмии тадқиқот.**

Тадқиқотчӣ баъд аз хулосагирии таҳқиқоти худ як қатор хусусият ва ҳолатҳои психологии наврасону навҷавонони майли худкушидоштаро ба сифати навгонии илмӣ пешниҳод намудааст, аз он ҷумла:

1. Наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта дар зинаи муътадил ва амиқи афсурдаҳолӣ қарор дошта, дорои дараҷаи миёна ва баланди изтиробнокӣ мебошанд.
2. Новобаста аз кадом зинаи афсурдагӣ (муътадил ё амиқ) ва дараҷаи изтиробнокӣ (миёна ё баланд) қарор доштан, наврасону навҷавонони қасди худкушидошта вобаста ба ҳолатҳои эмотсионалии худ, хусусиятҳои психологии шахсони майл ба худкушидоштаро доро шуда метавонад.
3. Аксарияти наврасону навҷавонони қасди худкушидоштае, ки дар тадқиқот иштирок доштанд, дорои мизоҷи меланхоликӣ буданд.
4. Новобаста аз равияи шахс, ҳар як наврасу навҷавон метавонад, мубталои зинаи амиқ ва муътадили ҳолати афсурдагӣ гардаду дар ӯ майли худкушӣ пайдо шавад.

Муаллиф қайд менамояд, ки мантиқан худкушӣ бештар дар наврасону навҷавононе мушоҳида мешавад, ки дорои чунин хислатҳоанд: асабоният, ҳассосият, ноустувории эмотсионалӣ, афсурдагӣ, агрессияи баланд ва ғайра. Бинобар ин, омӯзиши чунин хусусиятҳои психологии шахсиятҳои майли худкушидошта, ба мисли худбаҳодиҳӣ, дараҷаи изтиробнокӣ, ифроти характер, афсурдагӣ ва ғайра ба мақсад мувофиқ аст, ки инҳоро тадқиқотчӣ дар асоси натиҷаҳои озмоиш ошкор намудааст.

**Арзиши назариявию амалии тадқиқот.**

Дар асоси таҳлили назарияҳои гуногуни илмӣ, муҳаққиқ имкон пайдо кардааст, ки аломату нишонаҳои рафтор, гуфтор ва хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майли худкушидоштаро муайян намояд.

Дар қисмати амалии тадқиқот муҳаққиқ методикаҳои ташхисии Бэк (саволномаи афсурдагӣ), методикаи ташхисии Тейлор (дараҷаи изтиробнокӣ), методикаи 8 - рангаи Люшер, методикаи ташхисии А. Белов (типи бартаридоштаи мизоҷ), методикаи ташхисии Т.В. Матолин (типҳои характер) ва методикаи ташхисии Б. Басс-ро (равияҳои шахс) ба забон ва маданияти миллии тоҷикон мутобиқ намудааст. Баъдан бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта методикаҳои мутобиқшударо дар онҳо истифода намуда, хусусиятҳои фардӣ-психологии озмудашавандаҳо ошкор намудааст. Минбаъд ин методикаҳои мутобиқкардашударо на танҳо психологҳо, балки сотсиологҳо, педагогҳо, психиатрҳо ва духтурон дар фаъолияти кории худ метавонанд ба таври васеъ истифода намоянд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар баробари дастовардҳои илмии назариявию амалии муҳаққиқ, дар диссертатсия норасоиҳои зерин дида мешавад, ки зикри он характери тавсиявӣ дорад.

1. Мебояд, муҳаққиқ дар қисмати аввали рисола барномаи мукаммали корӣ оид ба пешгирии амали худкушӣ дар ҷомеаро пешниҳод намуда, сипас ташхиси онро дар қисмати амалии кор, бо синну соли наврасиву навҷавонӣ алоқаманд менамуд, ки арзиши амалии тадқиқотро бештар менамуд.

2. Пешниҳод мегардад, ки муҳаққиқ дар охири рисоли илмӣ тавсияҳои методӣ барои равоншиносону педагогҳо, истифода дар системаи такмили ихтисоси мутахассисон барои омӯзиши минбаъдаи ин амали номатлуб дар ҷомеа пешниҳод намояд.

3. Тавсия мегардад, ки як бори дигар матни диссертатсия мавриди таҳлил ёфта, хатогиҳои забонию техникӣ бартараф карда шаванд.

Бояд қайд намуд, ки нуқсонҳои номбурда ҷузъӣ буда, мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии диссертатсияро ба ҳеҷ ваҷҳ кам намесозад.

Мақолаҳои ба нашррасонидаи муаллиф ба мавзӯъи тадқиқотӣ тавъам мебошад. Шумораи мақолаҳои ба чоп расонидаи муҳаққиқ шаш ададро ташкил дода, ҳамаи онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба табъ расидаанд.

Аз ин лиҳоз, диссертатсия тадқиқоти ба анҷомрасида ҳисобида мешавад. Диссертатсияи Саидзода Б.Х. кори илмии ба таври мустақилона анҷомёфта мебошад, ки аз рӯи сохтор тибқи талаботи муқарраршуда, омода гардидааст. Адабиёти истифодашуда ба масъалаи таҳқиқшаванда робитаи бевосита дорад. Диссертатсия аз рӯи мазмуну муҳтаво ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Автореферат мазмун ва мухтавои асосии рисоларо дар бар мегирад.

Рисолаи Саидзода Баҳрулло Хол дар мавзӯи «Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта (дар мисоли Ҷумхурии Тоҷикистон)» ба талаботи пешниҳоданамудаи бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Саидзода Баҳрулло Хол сазовари дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология мебошад.

Муқаррizи расмӣ: доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, директори Пажӯҳишгоҳи рушди
маориф ба номи А. Ҷомии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон — Иматова Лютфия Маҳмадиллоевна

Индекс ва суроға: 734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Айни 126
Тел 225-84-05, 934662002
e-mail: imatoval@mail.ru

Имзои д.и.п., профессор Иматова Лютфия
Маҳмадиллоевна-ро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадрҳо — Аҳророва Ф.